Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, 734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14, E-mail: faridullo72@mail.ru

**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Султон Бахтиёр дар мавзуи "Таъсири маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз

Унвонҷӯ дар таҳқиқоти худ, ба фаъолияти соҳибкории хурду миёна ва асосҳои назариявии андозбандии он аҳаммияти хоса додааст. С. Бахтиёр ба масъалаҳои таҳқиқоти ҷанбаҳои назариявӣ-методии маъмурикунонии андозбандии соҳибкории хурду миёна, диққати ҷиддӣ дода хусусиятҳои низоми андозбандии соҳибкории хурду миёнаро дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додааст.

Ҳамзамон, дар таҳқиқоти худ, муаллиф қайд намудааст, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди соҳибкории хурду миёна бояд ҳамчун соҳаи афзалиятнок дониста шавад, зеро он ба афзоиши иқтидори иқтисодии кишвар ва дар натиҷа ба зиёдшавии воридоти андоз мусоидат хоҳад намуд.

Дар натиҷаи таҳқиқ муаллиф маълум намудааст, ки барои муайян намудани алоқамандии андоз ва фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳити инноватсионӣ ҳамчун шароит барои афзоиш ёфтани иқтидори бозтавлиди истеҳсолӣ баромад намуда, бо ҷалби техникаю техонологияҳои нав рушди фаъолияти соҳибкориро метавонад саҳми беназир дошта бошад.

Аммо бояд тазаккур дошт, ки дар баробари комёбиҳо дар самти таҳқиқоти такмили маъмурикунонии андоз, дар автореферат камбудиҳое ифшо гардидаанд, ки бартарафнамоии онҳо метавонад мавзуи таҳқотиро боз ҳам беҳтар гардонад:

1. Дар автореферат натиҷаҳои бадастомади дурнамои нишондиҳандаҳо ва тавсияҳоиояндавии онҳо пешниҳод нагардидааст.

2. Пешниҳодҳо нисбати такмил ва таҷдиди маъмурикунонии андозбандии соҳибкории хурду миёна бояд мушаххастар карда шаванд.

Таҳқиқоти унвонҷӯ аз он нуқтаи назар қобили дастгирӣ мебошад, ки истифодаи режимҳои андозбандӣ агар аз як тараф барои рушди соҳибкории хурду миёна бошад аз тарафи дигар имконияти рушди минбадаи соҳибкориро бо назардошти тағйиротҳо таъмин менамояд.

Дар маҷмуъ автореферати диссертатсияи тақризшаванда дар мавзуи "Таъсири маъмурикунонии андоз дар рушди соҳибкории хурду миёна (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ба бандҳои Шиносномаи феҳрасти ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад ва муаллифи он Султон Бахтиёр арзандаи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 - Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

Таҳқиқоти унвонҷӯ аз он нуқтаи назар қобили дастгирӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
профессори кафедраи молияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Улуғхоҷаева Х.Р.

Имзои «Улуғхоҷаева Х.Р.»-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

06.08.2024

Суроға :734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17,
тел: (992) 37 227-15-10,
**E-mail: info@tnu.tj**